# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 14 феврали соли 2026, №91**

**Дар бораи сазовор донистани Абдусаломзод Некруз Абдусалом, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 29-уми ноябри соли 2025, №83 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Абдусаломзода Некруз Абдусалом 23 июли соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2016 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Аз соли 2020 магистир ва ҳамзамон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолияти худро шуруъ кард. Ҳамзамон аз соли 2022 сармутахассиси шуъбаи магистратураи ДМТ ва соли 2024 то инҷониб мудири шуъбаи магистратураи ДМТ фаъолият мекунад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 10 ноябри соли 2025, №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

– **Ахёзода Шохрух Табарукшо** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти, кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбоев Х.Х. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисод, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А. имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А., дар санаи 14.01.2026 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардидааст. Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниходҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолахое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Мирализода, Н.А. Баъзе аз масоили муайян намудани объекти ҷиноят ҳангоми содиршавии роҳзанӣ [Матн] / Н.А. Мирализода // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2024. – №1 (53). – С. – 208-215; ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Мирализода, Н.А. Масъалаҳои муайян намудани аломатҳои тарафи субъективии роҳзанӣ [Матн] / Н.А. Мирализода // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №1 (33). – С. 250-260; ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Мирализода, Н.А. Мавқеи роҳзанӣ дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили моликият [Матн] / Н.А. Мирализода // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №2 (34). – С. 238-246; ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Мирализода, Н.А. Содир кардани роҳзанӣ бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда [Матн] / Н.А. Мирализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №3. – С. 240-244; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Мирализода, Н.А. Ҷавобгарӣ барои содиршавии роҳзанӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Мирализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 675-681.

**[6-М].** Мирализода, Н.А. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии зуроварӣ ҳангоми роҳзанӣ [Матн] / Н.А. Мирализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 282-292.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институтa давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Давлатзода Д.Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, Сардори раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе,

**Сафарзода Н.Ф. –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар пешниҳоди сеюм муаллиф ишора мекунад, ки пурзур намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо бештар на ба худи кирдор, балки ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста мебошад. Бинобар ин хориҷ, намудани ин аломат аз моддаи 249 КҶ ҶТ мақсаднок шуморида мешавад. Ҳамзамон, дар автореферат мавқеи муаллиф нисбат ба аломати

содир шудани роҳзанӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок (б. «д» к;. 3 м. 249 КҶ ҶТ), ки он низ бо шахсияти гунаҳгор алоқаманд аст, ба таври равшан баён нашудааст. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи диссертатсия мавқеи худро оид ба асоснокии нигоҳ, доштан ё хориҷ, намудани аломати мазкур ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби ҷинояти роҳзанӣ ба таври равшан ва далелнок баён намояд.

2. Муаллиф оид ба хориҷ намудани мафҳуми «ҳуҷум» аз таркиби роҳзанӣ ниёз ба шарҳи иловагӣ дорад, хусусан дар робита ба фарқ намудани он масалан, аз қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ, ки бо мақсади ғаразнок содир мешавад. Зеро хориҷ намудани аломати ҳуҷум аз таркиби ҷиноятӣ роҳзанӣ метавонад дар фарқгузории ин ҷиноятҳо мушкилии муайян пеш орад.

3. Дар автореферат даврабандии инкишофи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ пешниҳод шудааст, аммо меъёрҳои ҷудо намудани марҳилаҳои алоҳида асосан хусусияти тавсифӣ доранд. Дар матни автореферат на ҳамеша равшан аст, ки кадом тағйироти сифатӣ дар танзими ҳуқуқӣ ҳамчун асос барои ҷудо кардани давраҳои зикршуда хизмат кардаанд, ки ин ҳолат арзёбии илмии пешниҳодшудаи даврабандиро то андозае душвор мегардонад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст;

**- пешниҳод шудааст:** пешниҳод мешавад, ки дар б. «б» қ.2 м.249 КҶ ҶТ ибораи "бо маслиҳати пешакӣ" хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати вазнинкунанда танҳо "содиршудани роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон"

мустаҳкам карда шавад. Зеро хавфнокии оқибатҳои роҳзанӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бидуни маслиҳати пешакӣ содир мешавад, аз оқибатҳои роҳзанӣ, ки бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, камтар нест;

**- исбот шудааст:** аломати иловагӣ ба қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ ворид карда шавад – б. «е» қ. 3 м.249 КҶ ҶТ «боиси аз беэҳтиётӣ ба марг расидани ҷабрдида гардидан». Дар айни замон амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ин оқибатҳоро бо роҳи бандубасти маҷмуи ҷиноятҳо баҳо медиҳад. Ба ақидаи мо, оқибатҳои мазкур метавонанд танҳо бо б. «е» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ фаро гирифта шаванд, зеро санксияи қисми мазкури модда имкон медиҳад, ки принсипи адолат ва мутаносибати он ба вазнинии кирдори содиршуда риоя гардад;

**- ҷорӣ намудан:** вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷиноятҳои пасошуравӣ пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.249 КҶ ҶТ ибораи «таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ» бо ибораи «таҳдиди бевосита истифода шудани чунин зӯроварӣ»иваз карда шавад; пас аз ибораи «истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок» ибораи «нисбати шахси зери ҳуҷум қарордошта» илова карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд ва заминаи назариявию методологии омӯзиши мушкилоти марбут ба роҳзаниро аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз муносибати комплексӣ такмил медиҳанд. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада барои илм муҳим буда, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои муқовимат бо ҷиноятҳои ба муқобили моликият ба таври васеъ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи диссертатсия метавонанд дар самтҳои зерин истифода шаванд: дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ – барои таҳияи минбаъдаи масъалаҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ; дар фаъолияти қонунгузорӣ – зимни такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ; дар фаъолияти амалии ҳуқуқтатбиққунӣ – барои ҳал намудани масъалаҳои бандубаст кардани роҳзанӣ ва фарқгузории он аз дигар таркибҳои наздики ҷиноятӣ. Натиҷаҳои тадқиқот мумкин аст, инчунин дар раванди таълимӣ – зимни таҳияи бобҳои дахлдори китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, инчунин машғулиятҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курси махсуси «Банду басти ҷиноятҳо ба муқобили моликият» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки дар кори илмӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

- **баён шуд**, ки роҳзанӣ, пеш аз ҳама, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи моликият таҷовуз мекунад. Чунин муносибатҳо байни соҳиби молу мулк ё соҳиби қонунии он ва шахсони сеюм ба вуҷуд меоянд. Онҳо ба татбиқи ҳуқуқи моликият, инчунин ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории молу мулк дахл доранд. Ба сифати объекти асосии иловагӣ ҳангоми роҳзанӣ неъматҳои шахсият – ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шахсият баромад менамоянд.

- **ошкор гардидани** он ки ба сифати предмети роҳзанӣ танҳо он молу мулке баромад карда метавонанд, ки хусусиятҳои муайяни ҷисмонӣ дошта бошанд, ки ин ба андоза ва вазни онҳо тааллуқ дорад, ин молу мулке буда метавонад, ки онро гунаҳгор ҳамроҳ бурдан ё интиқол дода метавонад, яъне он бояд молу мулки манқул бошад.

- **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҷрибаи судӣ вобаста ба ҷинояти роҳзанӣ.

- **аз нав такмил додани:** Меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муккамал намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ,ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводди методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммияти мустақил намедиҳанд. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ буд, агар мафҳуми «ҳуҷум» аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад.

- **офарида шуд**: қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз 14-солагӣ, бешак, дуруст ба назар гирифтааст, ки маҳз дар ҳамин синну сол давраи ба ном гузариш дар ҳаёти инсон ба анҷом мерасад, ки бо камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахс алоқаманд буда, шахсияти наврас ташаккул меёбад. Маҳз бо расидан ба синни 14-солагӣ рушди иҷтимоии ноболиғ ба он дараҷае мерасад, ки ӯ қобилияти дарк намудани на танҳо мазмун ва хавфнокии ҷамъиятии баъзе ҷиноятҳо, балки моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро низ пайдо мекунад.

- **муаррифӣ карда шуд**: дар таҳқиқот ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоисавӣ, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, қонуниятҳои пайдоиш ва рушди он муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнок шароити баррасии ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷавобгариро барои ин ҷиноят пешбинӣ менамоянд, ҳамчун низоми ягонаи санадҳои ҳуқуқии дорои мақсад, мафҳум ва мантиқи дохилии алоқаманд фароҳам овард.

- **асоснок шудааст**, ки дар б «в» қ.3 м.249 КҶ ҶТ ҳолати мазкур танҳо бо «шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ» маҳдуд карда шудааст. Ҳол он ки дар б «м.» қ.1 м.62 КҶ ҶТ чунин ҳолат дар шакли «шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» мустаҳкам шудааст, ки доираи он нисбатан васеътар мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо, асосноктар ба ҳисоб мерафт агар аломати мазкури вазнинкунанда дар қ.3 м.249 КҶ ҶТ дар намуди содир кардани роҳзанӣ «бо истифода аз шароити вазъияти фавқулодда, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» пешбинӣ карда мешуд;

- **истифода шудаанд:** ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ тавассути омӯзиши амиқи категорияҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳам дар ҳолати нисбатан статикӣ ва ҳамзамон дар ҳолати рушду инкишоф баррасӣ карда шавад; таърихию ҳуқуқӣ – барои муайян кардани решаҳои таърихӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ истифода шуд; системавӣ– сохторӣ – барои муайян намудани мавқеи таркибҳои ҷиноятҳои дахлдор дар системаи меъёрҳо ва категорияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода гардид; догматикӣ – ҳангоми таҳлили меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои роҳзанӣ муқаррар мекунанд, истифода шуд; муқоисавӣ–ҳуқуқӣ – ҳангоми муқоисаи меъёрҳои омӯхташавандаи КҶ ҶТ бо якдигар ва бо меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар истифода гардид;

- **муайян шудаанд:** Ба сифати аломати вазнинкунанда на танҳо истифодаи силоҳ, балки предметҳои дигари ба сифати силоҳ истифодашаванда низ дар б «в» қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 14 феврали соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдусаломзод Некруз Абдусалом дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**14 феврали соли 2026**